Ба Шӯрои диссертатсионии 6D-КОА.030
назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
(734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри
Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17)

**ТАҚРИЗ**
**ба автореферати диссертатсияи Қаландаров Кароматулло Қаландарович дар мавзӯи «Раванди ташаккули системаи сиёсӣ дар шароити тағйирпазирии ҷомеа (дар мисоли Тоҷикистон)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ аз рӯйи ихтисоси 23.00.02 – Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияҳои сиёсӣ (илмҳои сиёсӣ)**

Системаи сиёсии ҷомеа ҳама вақт дар зери таъсири омилҳои беруна ва дохилӣ дар ҳоли тағйирёбӣ ва шаклгирӣ қарор дорад. Гузашта аз ин, суботи сиёсӣ ва рушди муназзами соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ аз устувории системаи сиёсӣ вобастагии зиёд дорад. Чунин равандҳо олимону муҳаққиқонро водор менамоянд, ки пайваста ба омӯзиши ташаккулёбии системаи сиёсӣ машғул гарданд. Дар баробари ин, раванди ташаккулёбии системаи сиёсии демократӣ масъалаи хеле муҳими замони муосир ба шумор меравад. Ба ин масъала тӯли солҳои охир сиёсатшиносон диққати бештар дода истодаанд. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низ баъди ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ шаклгирии системаи сиёсии ҷомеа дар зери таъсири равандҳои демократикунонӣ сурат гирифта истодааст. Аллакай таҳлилу мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки раванди ташаккулёбии системаи сиёсии ҷомеа дар Ҷумҳурии Тоҷикистон марҳилаҳои гуногунро тай намудааст. Аммо барои муайян намудани дурнамои рушди системаи сиёсии кишвар паҳлуҳои гуногуни он бояд таҳлилу таҳқиқ гарданд. Таҳқиқоти Қаландаров К.Қ. ба омӯзиши ҳамин масъала бахшида шуда, ташаккули системаи сиёсӣ дар шароити тағйирпазирии ҷомеа ва дурнамои рушди онро дар бар мегирад.

Таҳлили муҳтавои автореферат нишон медиҳад, ки дар боби якуми таҳқиқот муаллиф асосан ба пайдоиш ва рушди назарияи системаи сиёсӣ таваҷҷуҳ зоҳир намуда, моҳият ва мазмуни ин падидаи сиёсиро нишон додааст. Дар раванди омӯзиши ин масъала муаллиф доираи васеи адабиёти илмиро истифода кардааст. Дар ин қисми таҳқиқот асарҳои илмии Д. Истон, К.Дойч, К. Леви-Стросс, Р.Мертон, Г. Алмонд, Ч.Эндрейн, У. Розенау, Н. Пуланзас, М. Манн, П. Бурдие ва чанде дигарон ҳамаҷониба омӯхта шудаанд. Инчунин дар боби дуюми таҳқиқот мундариҷаи системаи сиёсӣ ва унсурҳои

таркибии он ҳамаҷониба таҳлилу таҳқиқ гардида, нақш ва мавқеи онҳо дар ҷомеа ва вазифаҳои мақсади онҳо муайян карда шудаанд.

Дар боби дуюми таҳқиқот ташаккулёбии системаи сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди омӯзиш қарор дода шуда, бо дарназардошти омилҳои гуногун марҳилаҳои ташаккулёбии системаи сиёсии кишвар ва дурнамои рушди минбаъдаи он муайян карда шудаанд. Дар ин қисми таҳқиқот муаллиф давраи гузаришро таҳлилу баррасӣ намуда, мушкилиҳои дар ин раванд пайдошударо ҳамчун монеаи рушди системаи сиёсӣ донистааст. Инчунин асосҳои сиёсию ҳуқуқии рушди системаи сиёсии ҷомеа, масъалаҳои дар амал татбиқ гардидани меъёрҳои демократии ҳаёти сиёсӣ, раванди демократикунонии ҷомеа, ташаккулёбии ниҳодҳои демократӣ ва дар маҷмӯъ дастовардҳо ва ташаккулёбии минбаъдаи ссистемаи сиёсии демократӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ин қисми таҳқиқот ҳамаҷониба омӯхта шудаанд.

Дар раванди таҳқиқот муаллиф методҳои гуногуни илмиро истифода намудааст. Аз ҷумла, методҳои институтсионалӣ, системавӣ, сохторӣ-функсионалӣ, таърихӣ, муқоисавӣ, муқобилгузорӣ, контент-анализ, индуксия ва дедуксия самаранок истифода бурда шудаанд. Махсусан, ба воситаи методи институтсионалӣ ҷанбаҳои сиёсиву институтсионалии татбиқи фаъолияти сиёсии унсурҳои мухталифи ҷомеа дар доираи системаи сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди омӯзиш қарор дода шудааст. Методи системавӣ барои омӯзиши сохтори таркибии системаи сиёсӣ, хоссатан дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода шудааст. Методи таърихӣ барои муайян намудани чигунагии тағйироти сифатӣ дар марҳилаҳои гуногуни инкишофи системаи сиёсии кишвар ба кор бурда шудааст. Дар маҷмӯъ, эътимоднокии хулосаҳо ва натиҷаҳои асосии таҳқиқотро ба воситаи методҳо илмии истифодашуда, ҷанбаҳои назариявии таҳқиқот ва доираи васеи сарчашмаҳои иттилоотӣ тасдиқ намудан мумкин аст.

Нововарии илмии муаллиф дар таҳқиқоти мазкур аз он иборат аст, ки ӯ тавонистааст, раванди ташаккулёбии системаи сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва марҳилаҳои гуногуни онро нишон диҳад. Монеаҳои дар самти рушди минбаъдаи системаи сиёсии кишвар мавҷудбударо муайян намояд ва барои бартараф кардани онҳо тавсияҳои амалӣ ироа созад. Аз ин рӯ, тавсияҳои амалии муаллиф, ки дар охири автореферат нишон дода шудаанд, барои ташаккули минбаъдаи системаи сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳамиятнок мебошанд. Ғайр аз ин, маводи диссертатсия, махсусан хулосаҳо ва натиҷаҳои асосии онро дар раванди таълими фанни сиёсатшиносӣ ва курсҳои махсуси системаи сиёсӣ истифода намудан мумкин аст.

Аз рӯйи муқаррарот ва натичаҳои таҳқиқоте, ки дар автореферат ҷойгир шудаанд, гуфтан мумкин аст, ки диссертатсия дар сатҳи баланди

илмӣ таҳия гардидааст. Бо дарназардошти объект ва мақсади таҳқиқот кори илмии барои ҳимоя пешниҳодшуда таҳқиқоти мукаммал ва мустақилона анҷомёфта мебошад.

Муаллиф вобаста ба мавзӯи таҳқиқотии худ 4 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои илмии тақризшаванда ва 4 маърӯзаи илмӣ чоп намудааст, ки онҳо натиҷаҳои асосии диссертатсияро дар бар мегиранд. Автореферати диссертатсия тибқи талаботи ҷорӣ таҳия гардидааст ва муҳтавои асосии таҳқиқотро инъикос менамояд. Дар он муқаддима, тавсифи умумии таҳқиқот ва қисмҳои асосии диссертатсия ҷойгир карда шудаанд. Инчунин дар охири автореферат хулосаҳо ва натиҷаҳои асосии илмии диссертатсия, тавсияҳои муаллиф оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот пешниҳод гардидаанд. Бо дарназардошти мазмуну муҳтавои автореферат, инчунин дар асоси методҳои истифодашуда ва натиҷаҳои асосии таҳқиқот гуфтан мумкин аст, ки кори илмии Қаландаров Кароматулло Қаландарович дар мавзӯи «Раванди ташаккули системаи сиёсӣ дар шароити тағйирпазирии ҷомеа (дар мисоли Тоҷикистон)» ба талаботи пешбининамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад. Муаллифи таҳқиқот Қаландаров К.Қ. сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ аз рӯйи ихтисоси 23.00.02 – Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияҳои сиёсӣ мебошад.

Номзади илмҳои сиёсӣ,
мудири кафедраи фалсафаи Донишгоҳи
давлатии Кӯлоб ба номи А.Рӯдакӣ Абдуллоев Н.С.

Суроғаи муқарриз:
735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
вилояти Хатлон, ш.Кӯлоб, кӯчаи С.Сафаров 16.

Имзои Абдуллоев Н.С.-ро тасдиқ менамоям.
Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А.Рӯдакӣ ______________ Амиров Ф.А.